# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Шодизода Саодат Исломхон дар мавзуи “Ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои соҳибистиқлолӣ (1991-2021) (дар мисоли минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон)” аз рӯйи ихтисоси 6.1.1. – Таърихи ватанӣ**

Истиқлолият барои миллати тоҷик бузургтарин дастоварди таърихӣ ба шумор меравад. Дар ин давра ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии ҳама минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба куллӣ тағйир ёфт. Дар солҳои истиқлоли давлатӣ, дар партави сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вилояти Хатлон дар ҳама соҳаҳои хоҷагии халқ ба дастовардҳои бесобиқа ноил гардида, дар вилоят муассисаҳои саноатӣ, муассисаҳои зиёди илмӣ-таълимӣ ва фарҳангӣ сохта, мавриди истифода қарор дода шудаанд. Таҳлилу баррасии масоили иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон нишон медиҳад, ки дар даврони истиқлол ин минтақа аз як маркази кишоварзӣ ба минтақаи дорои иқтисодиёти гуногунҷабҳа табдил ёфтааст. Дар солҳои истиқлоли давлатӣ минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон марҳалаҳои муҳимми рушдро аз сар гузаронид. Таҳқиқи ин раванд барои дарки дастовардҳои давлатдории миллӣ ва муайян намудани дурнамои рушди минтақавӣ аҳаммияти вижаро доро мебошад. Дар ин росто, барои дарки нисбатан васеи руди иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангӣ дар шароити соҳибистиқлолӣ, зарурати омӯзиши ҳамаҷонибаи ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии шаҳру вилоятҳои кишвар пеш омад.

Таҳқиқоти диссертатсионии Шодизода Саодат Исломхон ба масъалаи мубрами таърихӣ - таҳлилу баррасии масоили ҳаёти ҷамъиятӣ-сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мисоли минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон бахшида шуда, масъалаи мазкур то ҳанӯз дар ҳаҷми диссертатсия мавриди таҳқиқ қарор нагирифтааст, бинобар ин

интихоби он дуруст ва мубрам арзёбӣ мегардад. Дар маҷмуъ, таҳқиқ ва инъикоси ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои соҳибистиқлолӣ (1991-2021) (дар мисоли минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон) муҳиммияти мавзуи интихобшудаи таҳқиқотиро муайян мекунад.

Мақсадии таҳқиқ таҳлилу баррасии ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои соҳибистиқлолӣ (1991-2021) (дар мисоли минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон) мебошад.

Объекти таҳқиқотии диссертатсионӣ таърихи навтарини минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон мебошад.

Пойгоҳи сарчашмавии таҳқиқот ғанӣ буда, дар он мавиди бойгонӣ, маводи матбуоти даврӣ - рӯзномаҳо ва маҷаллаҳои марказӣ, ҷумҳуриявӣ ва ноҳиявӣ, нашриётҳои соҳавӣ ва махсус истифода гардидааст.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар сатҳи навгонии диссертатсионӣ, муайян намудани мақсад, вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот, нуқтаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, коркарди муқаррароти назариявӣ ва методӣ, мақолаҳои илмӣ ва пешниҳоди тавсияҳои амалӣ инъикос мегардад.

Дар маҷмуъ, дар раванди навиштани диссертатсия муаллиф пас аз омӯзиши сарчашмаҳо ва адабиёти илмӣ ва гузаронидани таҳлилу муқоиса навонистааст, ки вазифаҳои дар наздаш гузошташударо ба пуррагӣ иҷро намояд.

Диссертатсияи Шодизода Саодат Исломхон аз ҷиҳати банду баст ва сохтор ба талаботи муқарраршуда ҷавобгӯ буда, аз муқаддима, се боб, ҳафт зербоб, хулоса ва феҳристи манобеъ ва адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Дар муқаддима, унвонҷӯ перомуни мубрамияти мавзуъ, дараҷаи омӯзиши масъала, робитаи кор бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои

илмӣ, мақсад, вазифаҳо ва объекту предмети таҳқиқот, доираи хронологӣ ва ҷуғрофии он, асоси назариявӣ ва методологӣ ва пойгоҳи сарчашмавии таҳқиқот, навгониҳои илмӣ ва нуқтаҳои асосии натиҷаҳои ба дастомада, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд, ба таври мушаххас ва вобаста ба талаботи муқарраршуда маълумот медиҳад.

**Боби якуми диссертатсия "Ҳаёти ҷамъиятӣ – сиёсии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон дар марҳалаи аввали замони соҳибистиқлолӣ»** аз ду зербоб иборат буда, дар он масъалаҳои вазъи ҷамъиятӣ-сиёсии минтақаи Кӯлоб дар аввали солҳои соҳибистиқлолӣ , Иҷлосияи XVI – уми Шурои Олӣ ва ба арсаи сиёсат ворид гардидани муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон рӯйдодҳои бузурги таърихӣ-сиёсӣ баррасӣ гардидааст.

**Дар боби дуюми диссертатсия** - "**Минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити гузариш ба иқтисоди бозорӣ (солҳои 1991-2021)** масъалаҳои пастравии саноати минтақа, раванди барқарорсозӣ ва дигаргунсозиҳои он, инчунин масъалаи тағйиротҳо дар ҳаёти аграрӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Муаллиф баррасии масъаларо дар ин зербоб ба се марҳала ҷудо намуда, ишора менамояд, ки баъди анҷоми ҷанги шаҳрвандӣ бо амалигардонии ислоҳотҳои соҳаи саноат имкониятҳои воқеӣ барои боз доштани сатҳи пастравии саноат, барқарорсозӣ ва рушди ҳамаҷонибаи он ва инчунин барои беҳбудии ҳаёти аграрӣ ба вуҷуд меояд.

**Боби сеюми диссертатсия – "Дигаргунсозиҳо дар ҳаёти иҷтимоӣ-фарҳангии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон дар замони соҳибистиқлолӣ"** аз се зербоб таркиб ёфтааст. Муаллиф масъалаи тағйирот ва комёбиҳо дар соҳаи маорифи халқ, масоили мушкилот, тағйирот, рушд ва комёбиҳои соҳаи маориф, вазъ ва инкишофи соҳаи тандурустиро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст.

Дар раванди таҳқиқ усулҳои умуми илмӣ ва махсуси илми таърих, усулҳои мантиқӣ, системавӣ, функсионалӣ, иҷтимоӣ, истифода шуданд, ки онҳо имкон доданд хусусиятҳо, тамоюл, қонуниятҳои рушди иҷтимоиву иқтисодӣ ва фарҳангии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон муайян карда шавад.

Хулосаю натиҷагириҳои дар кори таҳқиқот пешниҳодгардида метавонад барои пурраю аниқ гардонидан ва такмил додани донишҳои илмии таърихи халқи тоҷик роҷеъ ба ҳаёти иҷтимоӣ- иқтисодӣ ва фарҳангии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон мусоидат намояд. Бо истифода аз таҳлилҳои илмӣ-назариявӣ ва татбиқи методологии алоқаманд ба соҳа, ҷузъиётҳои хосаи таърихи минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон дар замони соҳибистиқлолӣ муайян мегардад. Таҳлили анҷомгирифтаро метавон як навъ намунаи таҳқиқоти соҳавӣ роҷеъ ба масъалаҳои таърихӣ дар замони соҳибистиқлолӣ арзёбӣ намуд.

Диссертатсияи Шодизода Саодат Исломхон дар мавзуи “Ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои соҳибистиқлолӣ (1991-2021) (дар мисоли минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1. – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) ба ихтисоси интихобнамудаи муаллиф мутобиқат дорад.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи довталаби дараҷаи илмӣ Шодизода Саодат Исломхон дар мавзуи “Ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои соҳибистиқлолӣ (1991-2021) (дар мисоли минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон) аз рӯйи ихтисоси 6.1.1 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) таҳқиқоти илмии мукаммал ва анҷомёфта ба шумор рафта, ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва барои ҳимоя тавсия мегардад.

Диссертатсия ба талаботи бандҳои 32-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз

30.06.2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо бо карори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023, №295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Шодизода Саодат Исломхон сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.1. – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) мебошад.

**Роҳбари илмӣ - доктори илмҳои таърих,**
**дотсент, директори Институти таърих,**
**бостоншиносӣ ва мардумшиносии**
**ба номи А. Дониши АМИТ** **Муродзода А.А.**

**Имзои Муродзода А.А. - ро тасдиқ мекунам**
**Нозири кадрҳои Институти**
**таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии**
**ба номи А. Дониши АМИТ** **Файзуллоева Г.Қ.**

3.11.2025

Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони
Рӯдакӣ, 33. Тел-221-3742